# ҲИФЗИ ЗАБОН – ВАЗИФАИ ҲАМАИ МО СОҲИБЗАБОНОН

Опубликовано 29 февраля, 2024 - 21:52 пользователем Ҳайати тадорукот

[1]

Рӯзи 29 феврали соли равон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ маҳфили навбатии “Хирадманд” баргузор гардид.
Меҳмони маҳфил сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи “Роҳҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” суҳбат намуд. Ӯ иброз дошт, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар яке аз ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки

ҷиҳати устувор намудани пояҳои забони давлатӣ «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» таҳия ва ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад. Ҳоло ин барнома мавриди амал қарор дошта, дар рушди забони тоҷикӣ нақши бориз мегузорад. Ҳамчунин Президенти мамлакат борҳо зикр карданд, ки мо бояд ба таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар роҳи рушди забони давлатӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ диҳем.
Масъалаи дигаре, ки ба омӯзишу ҳифзи забони миллӣ ҳамрадиф аст, вазъи таълими забони тоҷикӣ ба шумор меравад,- иброз дошт Зулфониён Раҳим. Зеро ин масъала то замони истиқлол дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ва ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа хеле нигаронкунанда буд. Бо шарофати неъмати бебаҳои истиқлол ин вазъи барои миллату давлат ногувор маҷрои худро дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа тағйир дод. Яке аз ин самтҳо таълими ҷиддии забони тоҷикӣ ба сифати фанни ниҳоят муҳим ва тақвиятбахши рукнҳои давлати миллӣ дар тамоми риштаҳои ҳаёт, бавижа дар факултаҳои ғайрифилологии муассисаҳои олии таълимӣ мебошад.
Сипас, оид ба вазъ, мушкилот ва дурнамои рушди забони тоҷикӣ, таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, риояи меъёрҳои забони адабӣ дар воситаҳои ахбори омма, тарзи дурусти муошират ва суханрониҳо дар чорабиниву маъракаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, инчунин, ба забони давлатӣ бехато навиштани шиору овезаҳо суҳбати озоду самимӣ доир шуд. Ба саволҳои марбут ба ин мавзуъ сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфониён Раҳим Раҷабзода посуххои мушаххас дод.
Ҳангоми мубоҳиса аҳли нишаст ба натиҷа расиданд, ки воқеан, имрӯз забони тоҷикӣ дар паноҳи давлат қарор гирифтааст. Яъне, забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст. Давлат барои ҳифзу пешрафти забон шароит фароҳам меорад. Натиҷаи дастгирии бевоситаи Пешвои миллат аст, ки имрӯз забони ширини тоҷикӣ аз минбарҳои баландтарини созмонҳои байналмилалӣ садо медиҳад ва кӯшишҳо барои ҳақадами замон намудану ба забони илму технологияи муосир табдил додани он босуръат идома дорад.

**Раҳим Зулфониён**
**29.02.2024**

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (1 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Мақолаҳо [3]

-

- 

-

**Источник::**https://istilohot.tj/ru/node/7006

**Ссылки**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/002.JPG [2] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/26 [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/001.JPG [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/002.JPG [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/003.JPG [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/004.JPG [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/005.JPG